# П Р О Т О К О Л И

## М а ч л и с и   г у р у х и   Р Е А К Т

29.11.2007 сол. соати $10^{00}$ ш.Кулоб.

**ИШТИРОК ДОШТАНД :** кормандони Ситод оид ба ХФ ва МГ минтакаи Кулоб, намояндагони ташкилоти байналхалкии ОКСФАМ, Миссияи Шарк, Каритас, UNDP.

**Р У З Н О М А И   М А Ч Л И С:**

1. Сухани мукаддимави.
2. Иштироки намояндагони хадамотхо ( секторхо)- и МГ дар мачлисхои гурухи Реакт.
3. Оиди хамкории Ситод оид ба ХФ ва МГ-и минтакаи Кулоб бо ташкилотхои байналхалки ва фаъолияти РЕАКТИ минтакаи Кулоб тайёр намудани китобча.
4. Дигар масъалахо.

Мачлисро Раиси гурухи РЕАКТ мухтарам Абдусаттор Хушвахтов кушода эълон намуда, бори дигар аз номи худ ва аъзоёни гурухи РЕАКТ кормандони Миссияи Шаркро ба муносибати 10-солагии фаъолияташон табрик гуфта аз хамкори бо ин ташкилот минатдории хешро баён карда, ба онхо дар корхои ояндаашон комёбихои беназир орзу намуд.Иштирокчиён худро муарифи намуданд.

Оиди дар мачлисхои гузаштаи гурухи РЕАКТ иштирок накардани намояндагони секторхо, Хукумати шахр, чамияти Хилоли Ахмар аз тарафи иштирокчиёни гурух эътироз баён карда шуд. Пешниход шуд, ки минбаъд дар мачлисхои оянда намояндагони секторхо (хадамотхо) фаъолона иштирок намоянд ва оиди фаъолияти худ ахборот диханд, чунки мавсими боридани борону барф огоз шудааст ва нусхахои протоколхои мачлисхои гурухи РЕАКТ ба онхо хам фиристонида шавад.

Надя Бенани изхор намуд ки аз ташкилоти ОКСФАМ Абдулкосим Каюмов минбаъд бо гурухи РЕАКТ кор мебарад.Инчунин оиди конференсияе, ки рузхои 14-16 октябри соли равон ки дар шахри Душанбе бо иштироки намояндагон аз чумхурихои Осиёи Мракази Точикистон, Узбекистон, Казокистон,

Киргизистон, Туркменистон шуда гузашта буд ахборот дод.Ва хохиш намуд, ки оиди дар мактабхои нохияхои Темурмалик ва Восеъ аз руи лоиха карор дошта дар мавзуи «Тарзи эвакуасияи мактаббачагон хангоми сар задани холати фавкулодда» гузаронидани машкхо дар тайёр намудани накшаи эвакуасиони аз тарафи Ситод ба онхо кумак расонида шавад.Иштирокчиёни мачлис оиди ин масъалагузори намуданд ва Ситод ухдадор шуд ки дар ин кор ёрии худро мерасонад.

Оиди хамкории Ситоди ХФ ва МГ-и минтакаи Кулоб бо ташкилотхои байналхалки ва фаъолияти РЕАКТИ минтакаи Кулоб тайёр намудани китобча ба музокира баромаданд: Хушвахтов А., М.Арипов, Н.Бенани., Матияс Кемпф. Аз чумла Раиси мачлис мухтарам Хушвахтов А.Г.кайд кард, ки муддати 3 сол мешавад ки Ситод бо ташкилотхои байналхалки хамкори дорад, аз ин ру як хуччате бошад ки дар он хамаи чабъахои хамкорихо зикр ёфта бошанд то ки ба насли оянда хотира монад.Ва аз 3 кисм иборат бошад, кисми 1 хамкорихои Ситод бо ташкилотхо, кисми 2 кор ва фаъолияти гурухи РЕАКТИ минтакаи Кулоб ва кисми 3 дигар масъалахо.

М.Арипов пешниход намуд ки аввало хачми китобча, теъдоди он муайян карда шавад, баъдан маблаггузорро пайдо намоем.М.Кемпф таклиф намуд, ки дар он инчунин пурсишномаии гузаронидашуда чой дода шавад.Хамаи гуфтахои болоро иштирокчиёни мачлис тарафдори намуданд ва ба хулосае омаданд ки тайёр намудани чунин як китобча айни хол мебошад.

Мачлиси оянда рузи 27.12.2007 соати $10^{00}$ Ситод оид ба хФ ва МГ минтакаи Кулоб.

Рузномаи мачлиси оянда :

1.Хамкорихои НПО бо ташкилотхои байналхалки.
2.Чамъбасти фаъолияти гурухи РЕАКТ-и минтакаи Кулоб дар соли 2007.
3. Дигар масъалахо.

Раис А.Хушвахтов.
Котиб М.Хамидова.